АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: 01-3@ahd.tj; info07-@ahd.tj

№02-1053 аз «28» июни соли 2018

Ба №______ аз «___» ________ соли 20__

Маќомоти давлатӣ,
Ташкилотҳо

Мавзӯъ: Пешниҳоди лоиҳа барои баррасӣ

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2018, №737» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 6 июни соли 2018, №02-931 барои баррасӣ ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол карда шудааст.

Дар як вақт лоиҳаи мазкур бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ (www.ahd.tj) ҷойгир карда шудааст, ки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон метавонанд хулосаи худро ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоянд.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: 01-3@ahd.tj; info07-@ahd.tj

№ 02-931 аз «06» июни соли 2018

Ба №_________аз «____» ______________соли 20__

Вазорату идораҳо
(тибқи руйхат)

Мавзӯъ: Пешниҳоди лоиҳа барои мувофиқа

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасӣ ба Шумо ирсол карда мешавад.

Хоҳишмандем, хулосаи худро дар муҳлатҳои мукарраргардида ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳа бо забонҳои тоҷикию русӣ, асоснокқунии он дар 3 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ — Ҷ.Давлатов

Иҷрокунанда: Толибов Р.Ғ.
Тел: 224-08-79

# АСОСНОККУНИИ

лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737»

Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Зарурати тахияи лоиҳаи мазкур аз қабули фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2018, №1059 «Дар бораи сохтор ва шумораи умумии кормандони дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд, ки тибқи он дар сохтори Суди конститутсионӣ тағйирот ворид гардида, «Раёсати таъминоти ҳуқуқии фаъолияти судяҳо» ва «Бахши муносибатҳои байналмилалӣ» таъсис дода шудаанд ва ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунандаи ин сохторҳо дар Феҳристи мансабҳои давлатӣ пешбинӣ нагардидаанд.

Мувофиқи лоиҳаи мазкур пешниҳод мегардад, ки дар банди 1 §3 боби 2 фасли II Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи якум мансаби «Сардори Раёсат» ва ба мансабҳои категорияи чорум мансаби «Мудири бахш» илова карда шаванд.

Мувофиқи арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ дар лоиҳа омилҳои коррупсионӣ ҷой надошта, татбиқи он дар доираи маблағҳои дар сметаҳои даромад ва хароҷоти мақомоти давлатии дахлдор пешбинигардида амалӣ мегардад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи

# Ф А Р М О Н И
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737
090.020.030

Бо мақсади танзими иловагии баъзе мансабҳои давлатӣ мувофиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ф а р м о н  м е д и ҳ а м:

Ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 «Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст, иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

дар банди 1 §3 боби 2 фасли II:

-ба мансабҳои категорияи якум калимаҳои «Сардори Раёсат» илова карда шаванд;

-ба мансабҳои категорияи чорум калимаҳои «Мудири бахш» илова карда шаванд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Проект

УКАЗА
ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

О внесении дополнений в указ Президента Республики Таджикистан от 15 августа 2016 года, №737
090.020.030

В целях дополнительного упорядочения некоторых государственных должностей в соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» постановляю:

Внести в Реестр государственных должностей Республики Таджикистан, утвержденный указом Президента Республики Таджикистан от 15 августа 2016 года, №737 «О Реестре государственных должностей Республики Таджикистан» следующие дополнения:

в пункте 1 §3 главы 2 раздела II:

-дополнить в должностях первой категории слова «Начальник управления»;

-дополнить в должностях четвертой категории слова «Заведующий сектором».

Президент
Республики Таджикистан